Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи«Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки аз рӯйи ихтисоси 6D050600 –Иқтисодиёт барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Дар давраи ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар рушди иқтисоди миллӣ нақши мусбат бозида, аксари мамлакатҳо сиёсати ҳавасмандгардонии воридшавии сармояҳои мустақими хориҷиро амалӣ мегардонанд. Дар иртибот ба ҳамин таҳлили асосҳои илмии ошкор сохтани нақш ва аломатҳои сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ пурра имкон медиҳад, ки зарурати иштироки сармояи хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ ба таври объективӣ арзёбӣ гардад. Вобаста ба ин,бояд қайд кард, ки бахусус барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи масъалаҳои танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ муҳимияти хосаро пайдо менамояд.

Муҳтавои автореферати диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад собит менамояд,ки дар кори мустақиман анҷомдодашуда асосҳои назараявии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, танзими он дар иқтисоди миллӣ, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии онҳо ва такмили методҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф, дар асоси таҳлили вазъи муосири танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ба чунин хулоса омадааст, ки дар ҷумҳурӣ барои ташаккул ва рушди инфрасохторӣ дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ зарур буда, фаъолгардонии равандҳои инноватсиониро ва тиҷоратро бо назардошти ташаккулдиҳии низоми сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоннок намудан лозим аст.

Аз автореферат бар меояд. ки хулосаҳои мантиқӣ ва ақидаҳои илман асоснок кардашудаи муаллиф дар диссертатсия, асосҳои илмии он ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо мушаххас нишон дода шуда аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Новобаста аз он,ки дар автореферат ҷамбаҳои мусбии кор ва натиҷаҳои навгонии ба даст овардашуда зикр шудаанд,ба андешаи мо дар он камбудиҳо ва норасоиҳои алоҳида ба назар мерасанд, ба монанди:

1.Дар автореферат ба таври кофӣ роҳҳои баланд бардоштани ҷалби сармогузории мустақими хориҷӣ ба пуррагӣ инъикос наёфтаанд.

2.Аз расми 2 (саҳ.15 автореферат) бар меояд,ки муаллиф чунин самтҳои афзалиятноки сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҷумҳурӣ ба монанди бахшҳои инноватсинӣ, инфрасохторӣ, хизматрасонӣ асоснок нашудаанд ва аз назари таҳқиқ дур мондаанд.

Таъқид кардан зарур аст, ки ин норасоиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии корро паст намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки кори диссертатсионии тақризшавандаи(аз рӯи автореферат) Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 6D050600 – Иқтисодиёт мебошад.

**Муқарриз,**
**Профессори кафедраи иқтисоди сиёсӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, д.и.и., академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ** **Комилов С.Ҷ.**

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ «РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ» ОТДЕЛ КАДРОВ

Подпись Комиловa С.Ҷ. заверяю
Начальник ОК РТСУ
Давлатов Х.Х.
17.02.2022